*Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-062 назди Донишгоҳи (славянии) Россия ва Тоҷикистон (734025, шаҳри Душанбе, кӯчаи Мирзо Турсунзода, 30; e-mail: p.rektora@mail.ru)*

**ТАҚРИЗ**

**ба афтореферати диссертатсияи Муртазозода Ораз дар мавзӯи “Такмили системаи идоракунии рушди инноватсионии саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон: назария, методология, амалия” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.02 – Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ пешниҳод карда шудааст.**

Мубрамияти мавзуи автореферати диссертатсия ба чанд ҷиҳат зоҳир мегардад. Муҳимтар аз ҳама он аст, ки таҳқиқот ба таҳлили системаи идоракунии инноватсионӣ дар соҳаи саноати кишвар, марҳалаҳои рушди он ва самаранокии равандҳои инноватсионӣ равона шудааст. Ҳамзамон, мавзӯъ таъсири сохтори ташкилии соҳаи саноат ва меъёрҳои идоракунии инноватсионӣ ба рушди иқтисодиёти миллӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии корхонаҳоро низ фаро мегирад. Ин масъалаҳо на танҳо аҳамияти назариявӣ доранд, балки барои таҳия ва татбиқи сиёсати инноватсионӣ ва стратегияи рушди саноат дар Тоҷикистон муҳим арзёбӣ мегарданд.

Аз нуқтаи назари муаллиф, дар шароити иқтисоди бозорӣ ва ҷаҳонишавӣ, корбурди самараноки инноватсияҳо ба рушди устувор ва пешрафти иқтисоди миллӣ мусоидат менамояд. Зеро дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодиёт ва рақобати глобалӣ, танҳо кишварҳое метавонанд мавқеи устуворро нигоҳ доранд, ки имкониятҳои бештарро дар татбиқи натиҷаҳои илм дар соҳаи истеҳсолоти моддӣ доро бошанд. (саҳ.16)

Дар натиҷаи таҳқиқот ба муаллиф муяссар гардид, ки масъалаҳои асосии ташаккулёбӣ ва идоракунии рушди инноватсионии соҳаи саноатро таҳлил намояд. Дар ин замина, таҳлили таҷрибаи ҷаҳонӣ ва муқоисаи он бо вазъи

саноати Тоҷикистон имкон додааст, ки афзалиятҳо ва камбудиҳои системаи идоракунии рушди инноватсионӣ дар мамлакат бо равшанӣ муайян гардад. Муаллиф принсипҳо ва шароитҳои афзалиятнокро, ки барои баланд бардоштани самаранокии системаи идоракунии инноватсионӣ ва такмили ҷузъҳои институтсионалии он зарур мебошанд, таҳқиқ намудааст.

Дар натиҷаи таҳқиқоти амалӣ ва таҳлили вазъи муосир дар корхонаҳои саноатӣ, усулҳои арзёбии самаранокии системаи идоракунии рушди инноватсионӣ дар доираи корхонаҳои саноатиро пешниҳод гардидааст, ки ин барои қабули қарорҳои стратегӣ ва такмили амалӣ аҳамияти калон дорад.

Дар автореферат яке аз дастовардҳои муҳимми таҳқиқот, маҳз таҳқиқ ва арзёбии равандҳои ҳамгироии илм, таҳсилот ва истеҳсолот мебошад. Муаллиф нишон медиҳад, ки татбиқи консепсияҳои муосири ҳамгироии инноватсионӣ метавонад сифати идоракунии рушди саноатро беҳтар намуда, ҳамзамон самаранокии иқтисодӣ ва рақобатпазириро дар сатҳи миллӣ таъмин намояд.

Ҳамзамон, муаллиф самтҳои афзалиятноки такмили системаи идоракунии рушди инноватсионӣ дар заминаи истифодаи технологияҳои рақамӣ ва принсипҳои иқтисодиёти “сабз” муайян карда шудаанд. Пешниҳодҳо дар ин самт на танҳо ҷанбаҳои назариявӣ, балки аҳамияти амалӣ низ доранд, зеро онҳо метавонанд барои таҳкими иқтидори инноватсионӣ ва рушди устувори саноати кишвар ҳамчун як қисми стратегии иқтисодиёти миллӣ истифода гарданд.

Ба фикри мо, автореферати рисолаи диссертатсионии тақризшаванда, дар баробари доштани ҷанбаҳои мусбӣ, аз камбудӣ холӣ намебошад:

1. Сохтори ташкилии соҳаи саноат, ки дар расми 3 дида баромада шудааст, ки омилҳои минтақавиро дар бар намегирад.

2. Принсипҳои муосири идоракунии рушди инноватсионӣ дар соҳаи саноат дар ҷадвали 3 (саҳ.31) дида баромад шудааст. Аммо, дар хусуси вазъи истифодаи онҳо дар саноати кишвар аз ҷониби диссертант дар доираи кор чизе ишора нашудааст.

Эродҳои мазкур моҳият ва мазмуни диссертатсияи иҷрошударо маҳдуд намекунанд. Илова бар ин, автореферат ва мақолаҳои илмии муаллиф пурра мазмун ва муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос менамоянд.

Дар умум, бо қаноатмандӣ метавон гуфт, ки диссертатсияи Муртазозода Ораз дар мавзӯи “Такмили системаи идоракунии рушди инноватсионии саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон: назария, методология, амалия” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.02 – Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ пешниҳод карда шудааст, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионни назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат намуда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
**Муовини ректор оид ба робитаҳои байналмилалии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Самандарзода И.Ҳ.**

*Имзои д.и.и., профессор Самандарзода И.Ҳ.-ро тасдиқ мекунам.*

**Сардори шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ ва кадрҳои Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур Қурбонзода А.Х.**

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 146
Tel./Fax.: (992-372) 24 72-07
E-Mail.: rectortau31@mail.ru